Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА –012
назди Донишгоҳи давлатии тиҷоратии
Тоҷикистон, (734061, ш. Душанбе, кӯчаи
Деҳотӣ,1/2)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарифова Дилором Мустафоқуловна дар мавзуи «Такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод шудааст**

Дар замони муосир яке аз масъалае, ки бояд ҳалли худро ёбад ин баланд шудани нақш ва аҳамияти хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Роҳҳои ҳалли он бо назардошти қонеъ гардонидани талаботи иштирокчиёни бозор, такмили механизми танзими давлатӣ, созмон додани стратегияи рушд ва ворид намудани тағйиротҳоро тақозо менамояд.

Аз тарафи дигар ин раванд истифодаи механизми ҳамоҳангшуда байни истеҳсолкунандагон ва аҳолӣ вобаста буда коркарди танзими давлатии хизматрасонии маиширо ба аҳолӣ дар назар дорад. Таҳқиқҳо гувоҳи онанд, ки ба хизматрасонии маишӣ омилҳои хело зиёд таъсир расонида, пеш аз ҳама аз вазъи буҷети давлатӣ, рушди минтақаҳо ва муносибатҳои байналмилалӣ вобаста мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар ин раванд ташаккули консепсияи таъмини рушди соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, беҳтарсозии фазои сармоягузории воқеӣ, ҷалб намудани сармоягузорони хориҷиро дар бар гирифта дар асоси таҳқиқи масъалаҳои рушди низоми танзими давлатӣ дар рушди хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар миқёси кишвар ва ноҳияю вилоятҳои он амалӣ карда мешавад. Бо назардошти ин мубрамияти мавзӯи рисолаи Шарифова Д.М. беназир аст.

Дар рисола ба масъалаи омӯзиши асосҳои назариявию методии рушди соҳаи хизматрасонӣ дар сохтори иқтисодиёти миллӣ ва моҳияти иҷтимоию иқтисодӣ нақши хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ, инчунин таҳқиқи хусусиятҳо ва масоили низоми танзими хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ ҷойи асосӣ дода шудааст.

Аз таҳлили автореферат бар мояд, ки дар рисола арзёбии вазъ ва рушди иқтисодиёту соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи маълумотҳои аниқ гузаронида шуда, таҳлили ҳолати хизматрасонии маишӣ ба аҳолии кишвар ва вилояти Хатлон дар сатҳи баланд гузаронида шуда, масоилҳои мавҷуда муайян карда шудаанд.

Дар диссертатсия ба омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии хизматрасонии маишӣ ва низоми танзими он диққати махсус дода шуда, масоили истифодаи он бо назардошти вазъи муосири кишвари мо ва минтақаҳои он мавриди баррасӣ

қарор дода шудааст.

Инчунин дар рисола ба масъалаи таҳияи консепсияи минтақавии хизматрасонии маишӣ диққати асосӣ дода шуда, механизми дастгирии давлатию такмили танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ сариваҷтӣ пешниҳод шудааст.

Аз натиҷаи таҳқиқот бар меояд, ки самтҳои такмили низоми танзими давлатӣ ва дурнамо ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон дуруст тарҳрезӣ ва пешниҳод шудааст. Инчунин аз натиҷаҳои бадастовардашуда бар меояд, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ ва идоракуние, ки ҳангоми ташаккул, таҳия ва амалисозии самтҳои асосӣ ва фишангҳои такмили низоми танзим дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар минтақа ба вуҷуд омадаанд, иборат мебошад.

Бояд қайд намоем, ки новобаста ба бартариятҳо автореферат дорои норасоиҳо низ мебошад. Аз ҷумла дар он на ҳамаи фишангҳои механизми дастгирии давлатии бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ мавриди таҳқиқ ва натиҷагирӣ қарор дода шудааст. Инчунин бартарияти шаклҳои муосири созмон додани корхонаҳои химатрасонии маишӣ ба аҳолии деҳот муайян карда нашудааст.

Эродҳои гирифташуда, мазмун ва баҳои воқеии рисоларо тағйир намедиҳанду характери тавсиявӣ доранд.

Бо назардошти ин мо дар он ақидаем, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон), рисолаи илмии анҷомёфта буда дорои аҳамияти илмию амалӣ буда ба пуррагӣ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф Шарифова Дилором Мустафоқуловна ба дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ) сазовор аст.

**Тақриздиҳанда:**

мудири кафедраи назарияи иқтисодии
ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
н.и.и.,дотсент Сафаров А.А.

Имзои Сафаров А.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ-и ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Амиров Ф.

Суроғаи донишгоҳ: 735360,
ш.Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров 16.
Тел.: (833-22) 2-35-06
E-mail:info@kgu.tg. azamdzhon_safarov@mail.ru
«___»________2023